

4-5 сола

Ғулистон Соҳибназарова

# Гули Лола

USAID
АЗ МАРДУМИ АМРИКО

Вазорати маорифи
Ҷумҳурии Тоҷикистон

ХАЗИНАИ ОҒОХОН

Гулистон Соҳибназарова



# Гули Лола

Китобхонаи давлатии ...
Ҷумҳурии То... ба номи ...
М. М...
2111 4/3 б/и

Китобчаи мазкур бо кӯмаки мардуми Амрико нашр шудааст, ки он аз тариқи Агентии ИМА оид ба рушди байналмилалӣ (USAID) расонида мешавад. Мазмун ва мундариҷаи ин китоб маҳсули муаллиф буда, метавонад бо нуқтаи назари USAID ва Ҳукумати ИМА мувофиқат накунад.

**Гулистон Соҳибназарова**

# ГУЛИ ЛОЛА

(Барои кӯдакони синни 4-5-сола)

ш. Душанбе ТЧБ «Истиқбол»-2013, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.
Тел: (+99237) 238-53-01; (918) 82-94-75
E-mail: istiqbol.tj@list.ru; Website: www.istiqbol.com

**Мушовирон:**
**Ирина Каримова,**
**Лутфия Имматова**
**Муҳаррир:**
**Латофат Кенҷаева**
**Мусаввир:**
**Себарга Бодуренов**
**Ороишгар:**
**Владимир Прядильников**
**Мусаҳҳеҳ:**
**Ганҷина Муллоҷонова**

Ба чоп 25/07/2013 супорида шуд. Андозаи А4.
Коғаз бристоли амрикоӣ. Ҷузъи чопию ҳисобӣ 1,5. Теъдод 1394 нусха.

**Дар интишороти «Imak-ofset» ба чоп расид.**



Рӯзе аз рӯзҳои баҳорӣ сабзаи нозуку зебое сар боло кард. Ӯ чашм кушода офтобро дид, ки ба ӯ табассум мекунад.

–Раҳмат, Офтобҷон, – гуфт сабза.– Ту бисёр зебо ва меҳрубонӣ!

–Ту ҳам калон ва зебо мешавӣ, – гуфт Офтоб. – Ман ба ту кӯмак мекунам.

Бо кӯмаки офтоб сабза рӯз то рӯз калонтар шуд. Муғча баст. Чанд рӯз аз байн гузашт. Ғунчаи сабзи нозанин тезтар шукуфтан мехост.





Шабе тамоман хобаш набурд. Ба осмон нигаристу Ситораи фурӯзоне дид.

– Ситораҷон, ман зебоям? – пурсид Ғунча.

– Ту зебой, лекин касе мисли ман зебо нест. На ту, на Моҳ ва на Офтоб! – гуфт Ситора.

Ғунча аз ин ҷавоби Ситора хеле ғамгин шуд.



Дар осмон Моҳ пайдо шуд.
Ғунча ҳайрон-ҳайрон ба Моҳ нигарист ва гуфт:
– Ваҳ! Ту аҷаб зебоӣ! Ман ҳам мисли ту зебоям?



– Ту намедонӣ, ки ман аз ҳама зебоям? На ту, на Ситора ва на Офтоб дар зебоӣ ба ман баробар шуда наметавонед! – гуфт Моҳ.



Ғунча боз ҳам ғамгинтар шуд.
Аз алам гиря карду хобаш бурд.



Саҳар Офтоб баромад.

– Салом, Офтоб! – Бо сари хам гуфт Ғунча.

– Салом! Чаро ту ғамгинӣ? – Пурсид Офтоб.

– Ситораю Моҳ маро ғамгин карданд, гуфтанд, ки ман безебам! – Арз кард Ғунча.

– Ғамгину озурда нашав, – меҳрубонӣ кард Офтоб. – Ту Ғунчаи зебоӣ! Табассум кун, боз зеботар мешавӣ!



– Рост? – Ғунча хурсанд шуд. Вай аз шодӣ якбора шукуфту ба гули нозанине табдил ёфт. Ӯро Лола ном ниҳоданд.



Аз ҳамон замон то имрӯз Лола Офтобро ҳамеша бо табассум пешвоз мегирад.

Аммо Моҳу Ситора табассуми гули Лоларо дида наметавонанд, чунки онҳо боиси ғамгинию озурдагии ӯ гашта буданд.



E-mail: istiqbol.tj@list.ru
Website: www.istiqbol.com